**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳисайнов Далер Эмомович "Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯи ҳавзаи дарёи Яхоб (Яхсу)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника пешниҳод шудааст.**

Моҳияти мавзӯи мазкур аз он иборат аст, ки аломатҳои биоэкологии растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯй ба сифати хӯроки чорво ва пурарзиш будани таркиби онҳо дар шароити минтақаи Кӯлоб бори аввал мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Нашъунамо, инкишоф ва ҳосилнокии растаниҳои яксолаи лӯбиёгиҳо дар заминҳои лалмӣ ва обӣ дар се қитъаи таҷрибавии минтақаи Кӯлоб омӯзонида шуданд. Дар натиҷаи тадқиқоти ин растаниҳо маълум гардидаст, ки онҳо ҳосилнокии хуб медиҳанд, ки ҳамчун хӯроки пурмаҳсул барои чорво истифода бурда мешавад. Бинобар ин намудҳои растаниҳои яксолаи лӯбиёгиҳо, ки ҳосили баланд доданд, дар оянда кишти онҳоро дар майдонҳои дигар минтақаҳои Тҷикистон васеъ бояд кард.

Тадқиқоти илмии ба дастовардаи Ҳисайнов Далер Эмомович оиди ин мавзӯъ дар ташаккули илмҳои биологӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Кори ба анҷом расонидаи диссертатсионии муаллиф сермаҳсул ва ояндадор буда, тавсияҳои истифодаи амалии натиҷаҳои ба даст оварда дар он дарҷ гардидаанд.

Аз рӯйи маводи диссертасия 10 маводи илмӣ, аз ҷумла 2 мақолаи илмӣ аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Ҭоҷикистон ва 8 фишурда дар маводи конфиренсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр шудаанд. Натиҷаи тадқиқоти муаллиф дар автореферат ҳам бо забони русӣ ва ҳам тоҷикӣ бо усули замонавии соҳавии умумиқабулшуда, хеле хуб навишта шудааст.

Мавзӯи тадқиқотии интихобнамудаи муаллиф аз ҷиҳати муҳиммият, навгонии илмӣ ва арзиши амалӣ ба талаботи имрӯзаи соҳаи биология ҷавобгӯ мебошад.

Кори диссертатсионии Ҳисайнов Д.Э "Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯи ҳавзаи дарёи

Яхоб" (Яхсу), ба талаботи пешниҳодкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банди 7 “тартиб додани дараҷаҳои илмӣ” ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01- Ботаника арзанда аст.

Дотсенти кафедраи биологияи тиббӣ бо
асосҳои генетикаи МДТ “ДДТТ ба номи
Абӯали ибни Сино”, аз рӯи ихтисоси
03.02.01. Ботаника. Наврузшоева Г.Х.

Тел. +992 93 463 83 75
E-mail: gulya1580@inbox.ru

Имзои Наврузшоева Г.Х-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати рушди кадрии МДТ “ДДТТ
ба номи Абӯали ибни Сино” Сафаров Б.И.
Суроға: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Сино 29-31
17.05.2024